**АМРИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

1. Ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва шаҳрвандони кишвар дар соли 2019 зери унвони «Фурӯғи субҳи доноӣ...» озмуни ҷумҳуриявӣ баргузор карда шавад.

2. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ...», ҳайати комиссия оид ба баргузории озмун ва ҷоизаҳои озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ...» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намоянд.

4. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2019 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани чорабинии мазкур 310000 (сесаду даҳ ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

5. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин намуда, оид ба хароҷоти анҷомдодашуда ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

6. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа гузошта шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе 9 феврали соли 2019 №АП-1165

Замимаи 1 ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2019, № АП - 1165

# НИЗОМНОМАИ
## озмуни ҷумҳуриявии **«Фурӯғи субҳи доноӣ...»**

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ...» таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 ба муносибати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мешавад.

2. Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва фаъолгардонии доираи забондонӣ миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла, хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот, инчунин магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо ва шаҳрвандони кишвар доир мегардад.

### 2. Масъулони озмун

3. Масъули асосии озмун Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4. Мутасаддии баргузории озмун вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

5. Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикони баргузории озмун ҳастанд.

6. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани давраҳои якум, дуюм ва сеюми озмун масъул мебошанд.

7. Дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо масъулияти баргузории озмун ба зиммаи раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф, маънавиёт ва фарҳанги мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вогузор карда мешавад.

8. Барои сафарбар кардан ба хондани китоб ва аз худ намудани порчаҳои назмию насрӣ, инчунин тарғиби васеи он сохторҳои марбута ва васоити ахбори омма масъул мебошанд.

### 3. Комиссияи озмун

9. Масъули баргузории озмун комиссияи озмун мебошад, ки ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

10. Салоҳияти комиссияи озмун:

-ба танзим даровардани ҷадвали баргузории озмун;

- назорати баргузории саривақтии озмун;

- таҳияи талабот ва дигар тавсияҳое, ки барои озмун зарур мешаванд

**- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот;**

- риояи талаботи озмун ва расонидани тавсияҳо ба довталабони озмун;

- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон.

## 4. Тартиби баргузории озмун

11. Озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи январи соли 2019 то моҳи декабри соли 2019 идома меёбад. Аз аввали моҳи январ то 10 июни соли 2019 барои хондани асарҳо ва аз ёд кардани шеъру достонҳо (интихоби жанр, хондани асар ва миқдори аз худ кардани мисраъ ба қобилияти иштирокчӣ вобаста аст) вақт дода мешавад.

Даври якуми озмун нимаи дуюми моҳи июн дар маркази деҳот ва шаҳрак ҷамъбаст мегардад.

Даври дуюми озмун моҳи июл дар маркази ноҳия ва шаҳрҳо (ба истиснои шаҳри Душанбе) баргузор мешавад.

Аз охири моҳи июл то охири моҳи октябр ба мақсади хондани китоб ва аз ёд кардани ашъори адибон барои голибоне, ки дар озмуни вилоятӣ ва шаҳри Душанбе иштирок менамоянд, вақти иловагӣ дода мешавад.

Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ аз ин вақти иловагӣ истифода карда, ба ҷамъбасти даври чорум омодагӣ мегиранд. Озмуни даври чорум барои ин шаҳру ноҳияҳо моҳи ноябр дар муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» баргузор мегардад.

Даври сеюми озмун дар маркази вилоятҳо, шаҳри Душанбе нимаи дуюми моҳи ноябр баргузор мешавад.

Хулосаи ҳайати ҳакамон ба комиссияи озмун бо имзои раиси вилоят, шаҳр, ноҳия ва раиси ҳакамон пешниҳод мешавад.

Даври чоруми озмун барои голибон то 20 декабри соли 2019 дар муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» ҷамъбаст мешавад.

12. Ҷойи баргузории даврҳо дар деҳот, шаҳрак, маркази шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо, шаҳри Душанбе аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад.

13. Масъулияти баргузории даври якум, дуюм, сеюм бар уҳдаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ) вогузор карда мешавад.

14. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми озмун тавассути шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ намоиш дода шуда, инчунин сабти овози иштирокчиён дар радиоҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ пахш карда мешаванд.

15. Барои омода кардани ҷойи баргузории озмуни даври чорум муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» мувазэаф шуда, дар маркази деҳоту шаҳрак, шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо китобхонаҳои деҳот, ноҳия, шаҳр ва вилоят сафарбар карда мешаванд.

16. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои голибони даври чоруми озмуни «Фурӯги субҳи доноӣ...» даҳаи якуми моҳи декабр муқаррар карда мешавад.

17. Беҳтарин иштирокчиёни даври якум, дуюм ва сеюми озмун аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо) ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

18. Омӯзгорон ва устодоне, ки шогирдони онҳо дар даври чоруми озмун сазовори ҷойҳои намоён мегарданд, бо нишони ифтихории «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ифтихорнома»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Сипоснома»-и муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» сарфароз карда мешаванд.

## 5. Шартҳои иштирок дар озмун

19. Дар озмун табақаҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот, инчунин магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо ва шаҳрвандони кишвар иштирок менамоянд.

20. Шартҳои озмун аз ҷониби комиссияи озмун назорат карда мешавад.

21. Барои аз худ кардан ва хондан ба низомнома рӯйхати асарҳо пешниҳод карда мешаванд (замима мегардад). Дар вақти баҳогузорӣ ва холгузорӣ ба маҳорати аз худ кардан ва хондани осор бартарӣ дода мешавад.

Ба хонандагон ва донишҷӯён (бакалавру магистр), ки аз меъёри муайяншуда бештар асарҳои бадеӣ аз худ мекунанд ва мехонанд, бартарӣ дода мешавад.

Ҳар як довталабе, ки дар озмун ширкат меварзад, ба ҳайати комиссия ва ҳакамон маҳорату малака ва қобилияти аз худ кардан ва хондани ашъори адибонро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла:

- ба довталаб барои аъзои фаъоли китобхона буданаш низ хол дода мешавад;
- ба тарзи нақл ва оҳанги қироати иштирокчӣ хол дода мешавад;
- ба мавзӯъҳои инсондӯстӣ, хайру саховат, некию накукорӣ, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ, дӯстию бародарӣ, Ватану ватандӯстӣ, Тоҷикистон, сулҳу субот бартарӣ дода мешавад;
- довталаб дар аз худ кардан ва хондани осори адабиёти классикӣ, муосир, бачагона, шифоҳӣ ва хориҷӣ (тарҷума ва ё асл) озод аст;
- довталаб метавонад аз намунаҳои эҷодиёти халқ: афсона, қисса, рубоӣ, достон, чистон, тезгӯяк, латифа ва ғайраҳо истифода намояд;
- як ҳафта пеш аз озмун довталаб рӯйхати асарҳои хондаашро бо гузоштани имзои худ, ба ҳайати ҳакамон пешниҳод менамояд.
  Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо суроғаи макони фаъолияти ҳакамон ва ҷойи баргузории озмунро ба довталабон тариқи воситаҳои ахбори омма ва масъулони озмун эълон менамоянд;
- ҳайати ҳакамон аз рӯи ин рӯйхат довталабро ба озмун роҳ медиҳанд ва аз маҳорату истеъдоди ӯ натиҷагирӣ карда, суратҷаласа тартиб медиҳанд;
- ҳайати ҳакамон холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамоянд;
- натиҷаи озмун дар суратҷаласа дарҷ гардида, бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ карда мешавад.

## 6. Талабот ба довталабони озмун

22. Маҳорату истеъдоди довталабон аз рӯи хондани назм ва насри бадеӣ муайян карда мешавад:

- барои довталабон хондани роман, повест, ҳикоя, новелла ва дигар жанрҳои адабӣ иҷозат дода мешавад;
- хондани шеър аз жанрҳои лирикӣ, аз ҷумлаи ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, порчаҳо аз достон ва дигар навъҳои адабии манзум озод аст;
- афсона, латифа, қиссаю ривоят ва дигар намудҳои осори шифоҳии халқ иҷозат дода мешавад;
- аз худ кардан ва хондани осори адибони ҷаҳон низ тавсия шуда, дар озмун ба инобат гирифта мешавад.

7. Меъёри арзёбии ғолибони озмун

23. Комиссияи озмун ва ҳайати ҳакамон аз рӯи меъёрҳои зерин ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди довталабон баҳо медиҳанд:

-шарҳи мухтасари асар;
-маълумот оид ба қаҳрамонони асосии асар;
-баёни лаҳзаҳои ҷолиби асар;
-озодбаёнӣ ва санъати суханварӣ;
-ҳунари ровӣ ва наққолӣ;
-қобилияти луғатдонӣ ва тавзеҳи он;
-дарки дурусти мазмун ва муҳтавои асар;
-таассуроти довталаб аз хондани осор.

Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба истеъдоди довталабон ҷадвали 10-хола муқаррар карда мешавад.

Барои хондани беҳтарин осори манзум бо шарҳу тавзеҳи луғатҳояшон 10 хол,
барои ҷавоби аз хуб болотар 8 хол,
барои ҷавоби хуб то 6 хол,
барои ҷавоби аз миёна беҳтар 4 хол,
барои ҷавоби миёна 3 хол,
барои ҷавоби заиф 1 ё 2 хол
ва барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол гузошта намешавад.

Барои шарҳи муфассалу баёни равшани осори насрӣ ва ҳунари баланди наққолӣ, инчунин тавзеҳи луғатҳо аз асарҳои мутолиашуда 10 хол,
барои ҷавоби аз хуб болотар 8 хол,
барои ҷавоби хуб то 6 хол,
барои ҷавоби аз миёна беҳтар 4 хол,
барои ҷавоби миёна 3 хол,
барои ҷавоби заиф 1 ё 2 хол
ва барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол гузошта намешавад.

Ба ҳар як довталаб инчунин аз рӯйи осори пешниҳодшудаи банди 21
10 савол дода мешавад ва барои ҷавоби дуруст ба ҳар як савол як холӣ меғузоранд. Ба ҷавоби ғайриқаноатбахш хол ғузошта намешавад.

8. Ҳайати комиссия ва ҳакамони озмун

24. Миқдори ҳайати комиссияи озмун дар асоси банди 9 амалӣ меғардад. Ҳайати ҳакамон дар асоси банди 26 ҳамин Низомнома муайян карда мешавад.

25. Ба комиссияи озмун салоҳият дода мешавад, ки рафти озмунро назорат намояд, тавсия ва тавзеҳод таҳия ва тасдиқ кунад, назару пешниҳодоти ҳайати ҳакамонро баррасӣ созад, ба номинатсияҳо тағйироти иловағӣ ворид ғардонад ва ба арзу шикояти довталабон ҷавоб диҳад.

26. Ҳайати ҳакамони озмуни шаҳраку деҳот, ноҳия, шаҳр ва вилоятҳоро раисони шаҳр, ноҳия ва вилоят бо санади дахлдор тасдиқ менамоянд.

27. Ба ҳайати ҳакамони вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳоту шаҳрак намояндағони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзғороне, ки завқи баланди хондан ва аз ёд кардани осорро доранд,

шоирону нависандагони маҳаллӣ, олимону рӯзноманигорон, роҳбарони китобхонаҳо, аъзои ҷамъияти китобдӯстон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ шомил мешаванд. Миқдори аъзои ҳакамон бо раису муовинонаш бояд тоқ бошад.

28. Хулосаи ҳайати ҳакамон дар комиссияи ҷумҳуриявии озмун баррасӣ ва тасдиқ мешавад.

29. Комисияи озмун натиҷаи ниҳоиро ҷамъбаст карда, онро барои мувофиқа ва тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

## 9. Таъминоти молиявии озмун

30. Хароҷоти даври якум, дуюм, сеюм ва сафарбаркунии голибон ба даври чоруми озмун аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо) амалӣ карда мешавад.

31. Хароҷоти баргузории чорабинии даври чоруми озмун, ба истиснои ҷойи хоб, аз суратҳисоби махсуси муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

32. Ба голибони даври чорум тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад (замимаи 3).

Тартиби пешниҳод ба ҷоиза ва мукофоти пулиро барои даври чоруми комиссия озмун омода намуда, бо Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа менамояд ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод мекунад.

Дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо тартиби мукофот ва ҷоизаро раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

33. Барои ҳавасмандгардонии голибони ҳамаи даврҳои озмун тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

## 10. Тартиби иштирок дар даври ниҳоии озмун

34. Барои иштирок дар даври чоруми озмун маводи зерин ба комиссияи ҷумҳуриявии озмун пешниҳод мешавад:

-маълумотнома дар бораи довталаб;
-асарҳои мутолиашуда;
-миқдори ашъори азёдшуда;
-маҳорати суханронӣ ва суханварӣ, ровигӣ ва наққолӣ;
-қобилияти эҷодӣ;
-суратҷаласаи ҳайати ҳакамони вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ.

Сурога: шаҳри Душанбе, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, кӯчаи Теҳрон, 5. E-mail: info@kmt.tj

Замима ба Низомномаи озмуни
ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ...»

Рӯйхати асарҳои адибоне, ки барои аз худ кардан ва хондан тавсия дода мешавад

Замимаи 1

**а) Барои аз ёд хондани осори адибон:**

- газал - на кам аз 100-то (газалҳои Абуабдулло Рӯдакӣ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фахриддини Ироқӣ, Носири Хисрав, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин, Туграли Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Ғулназар Келдӣ, Ғулрухсор Сафиева, Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Низом Қосим, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Фарзона ва дигарон);
- рубоӣ ва дубайтӣ - на кам аз 120-то (рубоӣ ва дубайтиҳои Абуабдулло Рӯдакӣ, Абуалӣ Сино, Ҷалолиддини Балхӣ, Бобо Тоҳири Урён, Абусаиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Умари Хайём, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ғулназар Келдӣ, Ҳабибулло Файзулло, Ҳақназар Ғоиб, Ғоиб Сафарзода, Аскар Ҳаким, Низом Қосим, Камол Насрулло, Фарзона, Озар ва дигарон);
- қасида - на кам аз 100 мисраъ (қасидаҳои Абуабдулло Рӯдакӣ, Кисоии Марвазӣ, Абулқосим Унсурӣ, Абулҳасан Фаррухии Сиистонӣ, Абунаҷм Манучеҳрии Домғонӣ, Масъуди Саъди Салмон, Носири Хисрав, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Туграли Аҳрорӣ, Шамсиддин Шоҳин, Садриддини Айнӣ ва дигарон);
- порча аз достон - на кам аз 300 мисраъ (150 байт) (аз достонҳои Абуабдулло Рӯдакӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саноии Ғазнавӣ, Низомии Ғанҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Камолиддини Биноӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Шамсиддин Шоҳин, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Ҳадиса Қурбонова ва дигарон);
- дигар навъҳои шеърӣ-200 мисраъ (100 байт) аз шоирони классикӣ, муосир ва хориҷӣ.

**б) Асарҳои назмӣ ва насрии адибони классикӣ**
**ва муосири тоҷик барои хондан:**

Адабиёти қадим: «Томирис ва Куруш», «Шерак», «Авасто», «Ёдгори Зарирон», «Дарахти Ассурик», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Калила ва Димна», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Андарзи доноён ва маздоясно», «Андарзи Хусрави Ковадон», «Андарзи Пурйуткешон», «Бундаҳишн», «Динкард». Достонҳои «Калила ва Димна», «Симбоднома», қасидаҳои «Шикоят аз пирӣ», «Модари май»-и Абуабдулло Рӯдакӣ, «Таърихи Наршахӣ»-и Абубакри Наршахӣ,

«Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ, «Пирӯзнома» -и Абуалӣ Сино, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ғазал, қитъа, рубоиҳо ва достони «Маснавии маънавӣ» -и Ҷалолиддини Балхӣ, «Сафарнома»-и Носири Хисрав, «Қобуснома»- и Унсурмаолии Кайковус, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Сиёсатнома» – и Низомулмулк, «Вомиқу Узро»-и Фаррухии Сиистонӣ, девони ашъори Бобокӯҳӣ (Абдулло Алӣ), рубоиёту дубайтаҳои Бобо Тоҳири Урён, маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ»-и Саноии Газнавӣ, «Асрорнома», «Хусравнома», «Мухторнома», «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридаддини Аттор, маснавиҳои «Рӯшноинома», «Саодатнома», «Сафарнома»-и Носири Хисрав – достони «Вис ва Ромин» -и Фахриддин Асъади Гурғонӣ, достони «Гаршоспнома»-и Асадии Тусӣ, «Хамса» - («Махзан-ул-асрор», «Хусраву Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар», «Искандарнома») –и Низомии Ганҷавӣ, «Доробнома»-и Абутоҳири Тарсусӣ, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, достонҳои «Хамса» –и Амир Хусрави Деҳлавӣ, “Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, ғазалиёти Ҳасани Деҳлавӣ, қасидаҳо, маснавиҳои «Сад панд», «Дилкушо», «Мушу ғурба»-и Убайди Зоконӣ, ғазалҳо, қитъаҳо ва рубоиҳои Камоли Хуҷандӣ, девони ғазалиёт, достону маснавиҳои «Ҳафт авранг», «Баҳористон»- и Абдураҳмони Ҷомӣ, ғазалу рубоӣ, достонҳои «Сифот-ул-ошиқин», «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Бадриддини Ҳилолӣ, «Анвори Суҳайлӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия» ва «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Латоиф–ут- тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ, «Дастур-ул-мулук»-и Самандархоҷаи Тирмизӣ, достони «Гулзори Ирам»-и Абдураҳмони Мушфиқӣ, қасида, бадеҳа, чистон, ёддоштҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, ғазал, мухаммас, рубоӣ, «Шаҳрошӯб» ва «Баҳориёт»–и Сайидои Насафӣ, ғазалҳои Зебуннисо, «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисолаи таърихӣ» - и Аҳмади Дониш, «Тӯҳфаи дӯстон», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва ғазалҳои Шамсиддин Шоҳин, ғазалиёти Туғрали Аҳрорӣ, ғазалиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ.

Намунаҳои насри ривоятӣ: «Чаҳор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Тутинома», “Синдбоднома», «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Марзбоннома», «Абумуслимнома».

Ҳикоя, новелла, повест, драма, ёддошт, роман, достон, ғазалиёту рубоёт, қасида ва диғар ашъору осори Абдурауфи Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳаким Карим, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Урун Кӯҳзод, Убайд Раҷаб, Сорбон, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Кароматулло Мирзоев, Меҳмон Бахтӣ, Ҳақназар Гоиб, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Ҳабибулло Файзулло, Бароталӣ Абдураҳмон, Баҳманёр, Сайф Раҳим, Гаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб, Гоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Камол Насрулло, Низом Қосим, Муҳаммад Гоиб, Фарзона ва диғарон.

**в) Намунаҳои ашъори бачагона ва афсона**

Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонова, Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Нӯъмон Розиқ, Убайд Раҷаб, Акобир Шарифӣ, Мавҷуда Ҳакимова, Алӣ Бобоҷон, Нозирҷон Боҳирӣ, Ҷӯра Ҳошимӣ, Латофат Кенҷа, Юсуфҷон Аҳмадзода,

Азизи Азиз ва дигарон, инчунин афсонаҳои халқи тоҷик, чистону латифаҳо ва ғайраҳо.

**г) Намунаҳои осори адибони ҷаҳон**

Ҷек Лондон, Виктор Гюго, Ги де Мопассан, Марк Твен, Эрнест Хеменгуэй, Ромен Роллан, Виллям Шекспир, Ийҳан Гёте, Алигери Данте, Франсуа Рабле, Рюноскэ Акутагава, Александр Пушкин, Лев Толстой, Юрий Лермонтов, Антон Чехов, Владимир Маяковский, Максим Горкий, Абдулло Қодирӣ, Гафур Гулом, Мухтор Авезов, Олжас Сулаймонов, Чингиз Айтматов, Расул Гамзатов, Теодор Драйзер, Олес Гончар, Янн Купала, Яккуб Колас, Самад Вургун, Нодир Думбадзе, Оттар Чилладзе, Грант Матевосян, Муҳаммад Иқбол, Ҷуброн Халили Ҷуброн, Рашод Нури, Робендранат Тагор, Стефан Тсвейг, Муртазо Мушфиқ Козимӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Нодири Нодирпур, Аҳмади Шомлу, Халилуллоҳи Халилӣ, Нусрати Раҳмонӣ, Бориқ Шафеӣ, Восифи Бохтарӣ, Саид Нафисӣ, Мо Ян (Гуан Мое).

**Мутолиа ва шарҳи асарҳои насрии адибони муосири тоҷик ва хориҷӣ:**

Ҳикояву новелла – 50-то, роман – 20-то, повест – 30-то, ёддоштҳо – 15-то, афсонаву қиссаҳои насрӣ -20-то, асарҳои насри ривоятӣ – 10-то, дигар асарҳои халқӣ – 10-то (ба ин миқдор осори адибони ҷаҳонӣ низ ворид мешаванд).

Замимаи 2 ба амри
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 9 феврали соли 2019, № АП - 1165

Ҳайати
комиссияи озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ...»

1. Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раиси комиссия.
2. Вазири маориф ва илм–муовини раиси комиссия.
3. Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия.
4. Директори муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», муовини раиси комиссия.
5. Муовини сардори раёсати илм ва маърифати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **котиби комиссия.**

Аъзои комиссия:

6. Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш;
7. Раиси Кумитаи кор бо занон ва оила;
8. Муовини вазири фарҳанг;
9. Раиси Иттифоқи нависандагон;
10. Сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ»;
11. Сармуҳаррири нашриёти «Адиб»;
12. Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
13. Директори институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

14. Равшани Махсумзод – мудири шуъбаи насри Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;
15. Муҳаммад Ғоиб – Шоири халқии Тоҷикистон ;
16. Абдулҳамид Самадӣ – Нависандаи халқии Тоҷикистон;
17. Ҷумъа Қудус – сармуҳаррири маҷаллаи «Помир»;
18. Русакова М.В. – мудири кафедраи адабиёти ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия;
19. Муртазо Зайниддинзода - мудири кафедраи адабиёти навини тоҷикӣ – форсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
20. Раънои Мубориз – муовини сармуҳаррири «Адабиёт ва санъат»;
21. Восиева Рухшона – мудири кафедраи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода.

Замимаи 3 ба амри
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 9 феврали соли 2019, №АП - 1165

Ҷоизаҳои озмуни ҷумҳуриявии
«Фурӯғи субҳи доноӣ...»

Озмун аз рӯи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:
- номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони классикии тоҷик;
- номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони муосири тоҷик;
- номинатсияи аз ёд кардану хондани ашъори бачагона ва афсонаву ривоятҳои халқи тоҷик;
- номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адабиёти ҷаҳон

Ҷоизаҳои зерин барои голибони озмун муқаррар шудааст:
1. Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони классикии тоҷик:
1.Ҷойи якум -30000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
2.Ҷойи дуюм -25000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
3. Ҷойи сеюм -20000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
2. Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони муосири тоҷик:
4. Ҷойи якум -30000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
5. Ҷойи дуюм -20000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
6. Ҷойи сеюм -15000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;

3. Номинатсияи аз ёд кардану хондани ашъори бачагона ва афсонаву ривоятҳои халқи тоҷик:
7. Ҷойи якум -25000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
8. Ҷойи дуюм -17000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
9. Ҷойи сеюм -13000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
4. Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адабиёти ҷаҳон:

10. Ҷойи якум -30000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
11. Ҷойи дуюм -20000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
12. Ҷойи сеюм -15000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;

## 5. ШОҲҶОИЗА

Шоҳҷоизаи озмун–50000 сомонӣ

Шоҳҷоиза ба довталабе дода мешавад, ки аз миқдори чор номинатсия беш аз 70 фоизи осори назмию насриро мутолиа ва ҳифз намудааст. Шарҳ: Довталабоне, ки аз ҳар як номинатсия осор мутолиа мекунанд ва ашъореро аз бар менамоянд, ҳакамон метавонанд иловатан ба ҳунару истеъдоди онҳо холгузорӣ намоянд. Он бояд ҳатман дар суратҷаласа (миқдор ва теъдоди онҳо) қайд гардад ва имзои раис ва аъзои ҳакамон дар он гузошта шавад. Барои довталаб маҳдудият мондан шарт нест. Ҳакамон дар мувофиқа бо комиссияи озмун метавонанд барои иваз кардани бандҳои алоҳидаи номинатсия пешниҳод манзур намоянд. Комиссия пешниҳодҳои ҳайати ҳакамонро баррасӣ карда, дар асоси овоздиҳии кушода онҳоро дастгирӣ ва ё рад менамояд.

Эзоҳ: Маблаги умумӣ барои мукофот: 310 ҳазор сомонӣ (сесаду даҳ ҳазор сомонӣ).

Мукофотҳо бо пули миллии сомонӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назар доштани пардохти андозҳо пешбинӣ шудаанд.

Тамоми иштирокчиёни даври ниҳоӣ бо дипломи иштирокчии озмун сарфароз гардонда мешаванд.

Тартиби мазкур дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2019, №АП-1165, супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.02.2019, №16/10-43 ва Протоколи ҷаласаи комиссияи ҷумҳуриявии озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ..." аз 13.02.2019, №16/10-43 аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

Тартиби
баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…» миёни хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва намояндагони касбу кори гуногун

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…» миёни хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва намояндагони касбу кори гуногун (минбаъд-Тартиб) тарзи ташкил ва баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвони «Фурӯғи субҳи доноӣ…» миёни хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва намояндагони **ҳамаи қишрҳои ҷомеа новобаста ба синну сол** (минбаъд Озмун)-ро муайян менамояд.

2. Тартиби мазкур дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2019, №АП-1165 таҳия гардидааст.

3. Озмун таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 ба муносибати сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талқин намудани китобхонӣ миёни ҳамаи қишрҳои ҷомеа баргузор мегардад.

4. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи илмҳо, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар иҷрои баргузории Озмун масъул мебошанд.

5. Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, рушди қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва фаъолгардонии доираи забондонӣ миёни хонандагону

донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот, инчунин магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо ва **дигар қишрҳои ҷомеа** доир мегардад.

6. **Дар озмун ба ғайр аз хонандагону донишҷӯён, инчунин табақаҳои гуногуни ҷомеа, коргарон, деҳқонон, собиқадорон, нафақахӯрон, олимон, адибон, зиёиён ва дигар аҳли ҷомеа метавонанд иштирок намоянд. Синну сол маҳдудият надорад.**

7. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои, Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани даврҳои якум, дуюм ва сеюми озмун мутобиқи талаботи амалкунанда масъул мебошанд.

8. Дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо масъулияти баргузории Озмун ба зиммаи сарраёсат, раёсат, шуъба ва бахшҳои маориф, маънавиёт ва фарҳанги мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони васоити ахбори омма ва ниҳодҳои дахлдор вогузор карда мешавад.

9. Барои тарғибу ташвиқи китобхонӣ ва аз худ намудани порчаҳои назмию насрӣ, ҳамаи воситаҳои ахбори омма, муассисаҳои таълимӣ ва вазорату кумитаҳои дахлдор масъул буда, дар маҳалҳо мақомоти маҳал ва дигар сохторҳои давлатӣ ҷиҳати иштироки фаъолонаи намояндагони ҳамаи касбу корҳои гуногун саҳм мегиранд.

10. Макони баргузории даврҳои озмун дар деҳот, шаҳрак, маркази шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо, шаҳри Душанбе аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (дар мувофиқа бо кумитаи тадорукот) муайян карда мешавад.

11. Ҷараёни баргузории даври якум, дуюм, сеюм ва чоруми Озмун тавассути шабакаҳои телевизионии маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ намоиш дода шуда, инчунин сабти овози иштирокчиён дар радиоҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ пахш карда мешаванд. Ҳамзамон, раванди муаррифии истеъдоди иштирокчиёни фаъоли озмун тавассути ҷамъомадҳои пагоҳирӯзии хонандагон ва дарсҳои тарбиявӣ ба саъми хонандагон ва донишҷӯён расонида мешавад.

12. Беҳтарин иштирокчиёни (ғолибони) даври якум, дуюм ва сеюми озмун аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо) ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

13. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои озмун тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастони дохилӣ ва хориҷӣ иҷозат дода мешавад.

14. Бо пешниҳоди ҳайати комиссияи озмуни даври ҷумҳуриявӣ ба омӯзгороне, ки шогирдони онҳо дар даври ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои намоён гардиданд, бо нишони ифтихории «Аълочии маориф ва илми

Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ифтихорнома»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Сипоснома»-и Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» ва деҳаю шаҳракҳое, ки намояндаи онҳо ҷойи сазоворро соҳиб мегардад, бо туҳфаи хотиравии мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатии вилоят ва ё шаҳр (ноҳия) сарфароз гардонида мешаванд.

15. Баргузории Озмун аз рӯи аз ёд хондани осори адибон, асарҳои назмӣ ва насрии адибони классикӣ ва муосири тоҷик, барои хондани ашъори бачагона ва афсона, осори адибони ҷаҳон, мутолиа ва шарҳи асарҳои насрии адибони муосири тоҷик, хориҷӣ ва гайра гузаронида мешавад. Рӯйхати асарҳои адибоне, ки барои аз худ кардан ва хондан тавсия гардидааст, дар замимаи 1 оварда шудааст.

16. Баргузории Озмун аз рӯи чор номинатсия гузаронида мешавад:

1.Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони классикии тоҷик.

2.Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони муосири тоҷик.

3.Номинатсияи аз ёд кардану хондани ашъори бачагона ва афсонаву ривоятҳои халқи тоҷик.

4.Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адабиёти ҷаҳон.

17. Шоҳҷоиза ба довталабе дода мешавад, ки аз чор номинатсияи пешниҳодшуда зиёда аз 70% осори назмию насриро мутолиа ва ҳифз намудааст. Довталабоне, ки аз ҳар як номинатсия осор мутолиа мекунанд ва ашъоре аз бар менамоянд, комиссияи озмун метавонад иловатан ба ҳунару истеъдоди онҳо холгузорӣ намояд.

18. Тартиби баҳогузории ҳайати комиссияи озмун ба лаёқат, малака ва маҳорати довталабон мутобиқи талаботи банди 32 ва замимаи 2-и Тартиби мазкур роҳандозӣ гардида, ба таври овоздиҳии кушода голиб муайян карда мешавад.

19. Натиҷаи ҳунару истеъдод ва қобилияти азхудкунии шартҳои Озмун аз ҷониби ҳар як иштирокчӣ дар Протокол ва варақаи баҳодиҳӣ ба расмият даровардa, бо имзои аъзои Озмун тасдиқ ва нусхаи он аз ҷониби котиби комиссия то пурра ҷамъбаст гардидани Озмун нигоҳ дошта мешавад.

20. Озмун дар давоми соли 2019 дар чор давр: даври якум дар маркази деҳот ва шаҳрак, даври дуюм дар маркази шаҳр (ноҳия) (ба истиснои шаҳри Душанбе), даври сеюм дар маркази вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, даври чорум-ҷамъбастӣ (ҷумҳуриявӣ) дар муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» воқеъ дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

21. Довталаб дар даврҳои баргузории Озмун ҳуқуқи як маротиба иштирок намуданро дорад.

22. Дар даврҳои баргузории Озмун иштироки падару модарони довталабон ва нафарони онҳоро ивазкунанда озод мебошад.

23. Дар назди комиссияҳои Озмун комиссияи аппелятсионӣ таъсис дода мешавад. Раиси комиссияи аппелятсионӣ ва аъзои он аз ҷониби мақомоти дахлдор аз ҳисоби ҳайати комиссияи Озмун ва берун аз он метавонад интихоб шавад.

24. Комиссияи аппелятсионӣ арзу шикоятҳои иштирокчиёни Озмунро дар рӯзҳои баргузории Озмун бо назардошти ҳақиқати воқеӣ баррасӣ намуда, талаби ӯро қонеъ (яъне холҳои гирифтаи иштирокчии озмунро мушаххасан аз рӯи баҳогузории ҳайати комиссия, сабти овоз ё навори видеоӣ маънидод карда, камбудияшро мефаҳмонад) менамояд ва аз натиҷааш ба комиссияи озмунӣ ахбор пешниҳод менамояд.

25. Иштирокчии озмун ҳукук дорад, ки тавассути ариза ба комиссияи аппелятсионӣ ҷиҳати норозӣ будан аз натиҷагирӣ намудани комиссияи озмун танҳо дар рӯзҳои баргузории он муроҷиат намояд.

## II. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ДАВРИ ЯКУМИ ОЗМУН ДАР МАРКАЗИ ДЕҲОТ ВА ШАҲРАК

26. Даври якуми озмун аз 10.03.2019 то 10.06.2019 барои таргибу ташвиқи иштирокчиён хонандагону донишҷӯён, магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва дигар ташкилоту муассисаҳо, инчунин шаҳрвандони дигари кишвар новобаста аз сину сол, касбу кор дар маҳалли зист барои иштирок дар Озмун аз ҷониби комиссияи босалоҳият ба қайд гирифта мешавад.

27. Аз рӯи номинатсияҳои пешниҳодгардида ба иштирокчиён барои хондани асарҳо ва аз ёд кардани шеъру достонҳо (интихоби жанр, хондани асар ва миқдори аз худ кардани мисраъ ба қобилияти иштирокчӣ вобаста аст) то 10 июн вақт дода мешавад. Онҳое, ки имкони бақайдгирӣ наёфта (муҳоҷирон, беморон, аз маркази шаҳрак ва ноҳия дур будани маҳали зисташон, донишҷӯёни тоҷики дар хориҷи кишвар таҳсилкунанда), вале дар доираи талаботи он китоб хонда ва якчанд рӯз ва ҳатто як рӯз пеш аз Озмун муроҷиат намоянд, бояд ба қайд гирифта шуда, ба онҳо ҷиҳати иштирок дар Озмун ба таври ҳузурӣ иҷозат дода шавад.

28. Даври якуми Озмун нимаи дуюми моҳи июн дар маркази деҳот ва шаҳрак ҷамъбаст мегардад. Ҳайати комиссияи озмун аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ: раиси шаҳр ва ё ноҳия комиссияи Озмуниро ба роҳбарӣ мегирад, муовинони ӯ ва котибу аъзои он аз ҳисоби масъулини раёсат ва шуъбаҳои маорифу фарҳанг, дигар бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, директори (роҳбари) муассисаи таълимӣ, раиси шаҳраку деҳот, омӯзгорону нависандагони маҳаллӣ, рӯзноманигорон, роҳбарони китобхонаҳо, ҷамъияти китобдӯстон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ (дар шахси онҳое, ки аз адабиёт ва каломи мавзун

тасаввуроти хуб доранд), мутахассисони касбӣ интихоб карда мешаванд. Теъдоди аъзои ҳакамон бо назардошти раису муовинонаш бояд тоқ бошад.

29. Дар сурати ба даври ҷумҳуриявӣ пешниҳод шудани шахсоне, ки ба талаботи амалкунанда ҷавобгӯ набуда, ба хотири танҳо иштирок ва ё нафари наздикбуда ба комиссия сурат мегирад, фаъолияти комиссияҳои деҳоту шаҳрак ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гайриқаноатбахш арзёбӣ гардида, ба унвони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати амали онҳо ахбор манзур мегардад.

30. Довталабон метавонанд барои иштирок ба комиссияи озмунӣ то 10 июни соли 2019 аз рӯи наминатсияи муайян ҳуҷҷатҳои худро (ариза ва ба он замима намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда: нусхаи шаҳодатномаи таваллуд ё шиноснома, маълумотнома аз ҷойи таҳсил ё кор, барои нафароне, ки кор намекунанд маълумотномаи ҷойи истиқомат, рӯйхати асарҳои мутолианамуда ва ашъори азёдкарда, азъои кадом китобхона ва теъдоди муомилоти китобҳои истифодашуда ва г.) пешниҳод намоянд.

31. Довталабон ҳуқуқ доранд барои соҳиб гардидан ба “Шоҳҷоиза” аз рӯи ҳамаи номинатсияҳои Озмун омодагӣ гирифта, ҳуҷҷатҳои худро мувофиқи талаботи банди 29 пешниҳод намоянд.

32. Ҳайати комиссияи Озмун аз рӯи талаботи зерин лаёқат, малака ва маҳорати довталабонро натиҷагирӣ ва ба таври овоздиҳии кушода голибро муайян менамояд.

33. Аз рӯи талаботи зерин ба лаёқат, малака ва маҳорати довталабон мувофиқи ҷадвали 1, (замимаи 2) баҳогузорӣ карда мешавад:

-барои аъзои фаъоли китобхона;

-ба тарзи накл ва оҳанги қироати иштирокчӣ;

-ба мавзӯъҳои инсондӯстӣ, хайру саховат, некию накукорӣ, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ, дӯстию бародарӣ, Ватану ватандӯстӣ, Тоҷикистон, сулҳу субот;

-аз худ кардан ва хондани осори адабиёти классикӣ, муосир, бачагона, шифоҳӣ ва хориҷӣ (тарҷума ва ё асл) озод аст;

-ба намунаҳои эҷодиёти халқ: афсона, қисса, рубоӣ, достон, чистон, тезгӯяк, латифа ва гайра;

- аз рӯи хондани назм ва насри бадеӣ;

-шарҳи мухтасари асар;

-маълумот оид ба қаҳрамонони асосии асар;

-баёни лаҳзаҳои ҷолиби асар;

-озодбаёнӣ ва санъати суханварӣ;

-ҳунари ровӣ ва наттоқӣ;

-қобилияти лугатдонӣ ва тавзеҳи он;

-дарки дурусти мазмун ва муҳтавои асар;

-таассуроти довталаб аз хондани осор.

-аз худ кардан ва хондани осори адибони ҷаҳон.

34. Натиҷаи озмун бо Протокол (замимаи 3) ба расмият даровarда шуда, бо имзои раису аъзои он тасдиқ ва нусхаю варақаи баҳогузорӣ, нусхаи сабти видеоӣ дар парвандаи голиби озмун нигоҳдорӣ ва барои даври минбаъдаи озмун пешниҳод мешавад.

35. Ҳайати комиссияи озмун холҳои бадастовардаи довталабонро ба таври ошкоро санҷида, иштирокчиёро, ки дар Озмун нисбат ба дигарон натиҷаи баландро соҳиб гардидааст, барои иштирок ба даври шаҳрӣ (ноҳиявӣ) пешбарӣ менамояд.

36. Довталабе, ки дар Озмун холи гузаришро соҳиб нагардидааст, ба даври минбаъда роҳ дода намешавад.

## III. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ДАВРИ ДУЮМИ ОЗМУН ДАР МАРКАЗИ ШАҲРУ НОҲИЯ

37. Даври дуюми Озмун моҳи июл дар маркази шаҳр (ноҳия) (ба истисноии шаҳри Душанбе) миёни голибони даври якуми озмун, ки аз ҳар як шаҳраку деҳоти шаҳр (ноҳия) 1-нафарӣ пешниҳод гардидаанд, баргузор мешавад.

38. Ҳайати комиссияи Озмун аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо санади дахлдор тасдиқ карда мешавад. Раиси комиссия раиси шаҳр (ноҳия) ё яке аз муовинонаш таъйин ва котибу аъзои он аз ҳисоби масъулини раёсату шуъбаҳои маорифу фарҳанг, дигар бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шоирону нависандагони маҳаллӣ, рӯзноманигорон, ҷамъияти китобдӯстон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мутахассисони касбӣ интихоб карда мешаванд.

39. Котиби комиссияи Озмун ҳуҷҷатҳои голибони даври якумро, ки ба даври шаҳрӣ (ноҳиявӣ) аз деҳоту шаҳрак роҳхат гирифтаанд, як ҳафта пеш аз баргузории Озмун тибқи тартиб пешниҳод менамояд.

40. Комиссияи озмуни даври шаҳрӣ (ноҳиявӣ) парвандаҳои шахсии голибони озмуни даври якумро тибқи талабот муоина намуда, дар сурати ҷавобгӯ набудан ба талаботи мавҷуда бармегардонад.

41. Котиби комиссияи Озмун мувазаф аст, ки пеш аз баргузории он ба таври расмӣ довталабонро барои иштирок дар Озмун (макон ва замони баргузории Озмун) хабардор намояд.

42. Довталабе, ки дар рӯзҳои баргузории Озмун бо сабабҳои мухталиф ҳозир шуда наметавонад, барои иштироки такрорӣ дар Озмун роҳ дода намешавад.

43. Комиссияи озмуни даври шаҳрӣ (ноҳиявӣ) ҷадвали баргузории рӯзҳои Озмунро, ки дар маркази шаҳру ноҳия доир мегардад, 10 рӯз пеш барои тасдиқ ба раиси шаҳр ва ё ноҳия манзур менамояд.

44. Комиссияи озмуни даври шаҳрӣ (ноҳиявӣ) мутобиқи ҷадвали тасдиқгардидаи баргузории рӯзҳои Озмун бо иштироки раиси комиссияи Озмун ва аъзои он доир карда мешавад.

45. Ҳайати комиссияи Озмун баъди натиҷагирии пурра аз фаъолияти одилонаи кори комиссияи Озмун ва аппелятсионӣ холҳои бадастовардаи довталабонро ба таври воқеӣ таҳлил намуда, аз ҳисоби онҳое, ки дар Озмун аз ҳамаи иштирокчиён аз рӯи номинатисяҳои пешниҳодгардидаи Озмун ва иштирокчии “Шоҳҷоиза” натиҷаи баландро соҳиб гардидаанд, барои иштирок ба даври вилоятӣ, минтақавӣ (барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) ва шаҳри Душанбе як нафариро интихоб менамояд.

46. Даври минтақавӣ барои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар шаҳри Душанбе баргузор менамояд.

47. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) аз рӯи номинатсияҳои пешниҳодгардида якнафарӣ голибони Озмунро бо Протокол ва хулосаи ҳайати комиссияи Озмун ҷиҳати пешбарӣ намудан ба даври вилоятӣ, минтақавӣ ва ё шаҳрӣ бо роҳхати раиси шаҳр (ноҳия) барои иштирок пешниҳод менамояд.

## IV. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ДАВРИ СЕЮМИ ОЗМУН ДАР МАРКАЗИ ВИЛОЯТ, МИНТАҚА ВА ШАҲРИ ДУШАНБЕ

48. Даври сеюми Озмун нимаи дуюми моҳи ноябр дар маркази вилоят, минтақа ва шаҳри Душанбе (ноҳияҳои шаҳри Душанбе) миёни голибони даври дуюми Озмун, ки аз ҳар шаҳру ноҳия вобаста ба номинатсияҳои пенишҳодгардида бо роҳхати раиси шаҳру ноҳияҳои дахлдор ба комиссяи озмуни вилоятӣ, минтақавӣ ва шаҳри Душанбе пешниҳод шудаанд, баргузор мегардад.

49. Ҳайати комиссияи Озмун аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо санади дахлдор тасдиқ карда мешавад. Раиси комиссия раиси вилоят, шаҳри Душанбе ва ё яке аз муовинон таъйин ва котибу аъзои он аз ҳисоби масъулини сарраёсат, раёсату шуъбаҳои маорифу фарҳанг, дигар бахшҳои дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳри Душанбе, адибону шоирони маҳаллӣ, рӯзноманигорон, ҷамъияти китобдӯстон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мутахассисони касбии соҳа интихоб карда мешавад.

50. Котиби комиссияи озмуни даври сеюм муваззаф аст, ки на кам аз 5-рӯз пеш аз баргузории Озмун ба таври расмӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дахлдорро барои таъмини иштирокчиёни Озмун мутобиқи ҷадвали тасдиқгардида (макон ва замони баргузории Озмун) хабардор намояд.

51. Масъулияти таъмини довталабон дар рӯзҳои баргузории Озмун пурра ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дахлдор вогузор карда мешавад.

52. Комиссияи озмуни даври вилоятӣ, минтақавӣ ва шаҳри Душанбе ҷадвали баргузории рӯзҳои Озмунро, ки дар маркази вилоят ва шаҳри Душанбе доир мегардад, пешакӣ таҳия ва тасдиқ намуда, ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дахлдор дастрас менамояд.

53. Комиссияи озмуни даври вилоятӣ, минтақавӣ ва шаҳри Душанбе мутобиқи ҷадвали тасдиқгардидаи баргузории рӯзҳои Озмун вобаста ба шаҳру ноҳияҳои дахлдор бо иштироки раиси комиссияи Озмун ва аъзои он доир карда мешавад.

54. Ҳайати комиссияи Озмун баъди натиҷагирии пурра аз фаъолияти одилонаи кори комиссияи Озмун холҳои бадастовардаи довталабонро ба таври воқеӣ таҳлил намуда, якнафариро аз ҳисоби онҳое, ки дар Озмун аз ҳамаи иштирокчиён аз рӯи номинатсияҳои пешниҳодгардидаи Озмун ва иштирокчии "Шоҳҷоиза" натиҷаи баландро соҳиб гардиданд, барои иштирок ба даври озмуни ҷумҳуриявӣ пешниҳод менамояд.

55. Котиби Озмун парвандаҳои шахсии иштирокчиёни озмуни даври ҷумҳуриявиро, ки дар озмуни вилоятӣ, митақавӣ ва шаҳрӣ голиб омаданд, тибқи талабот бо ба инобат гирифтани маводи зерин ба комиссияи ҷумҳуриявии Озмун пешниҳод менамояд:

-маълумотнома дар бораи довталаб;

-асарҳои мутолиашуда;

-миқдори ашъори азёдшуда;

-маҳорати суханронӣ ва суханварӣ, ровигӣ ва наттоқӣ;

-қобилияти эҷодӣ;

-суратҷаласаи ҳайати комисияи озмунии вилоятӣ, минтақавӣ, шаҳр (ноҳиявӣ), деҳоту шаҳрак ва варақаи баҳоғузории ҳайати комиссия.

56. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, минтақа ва шаҳри Душанбе аз рӯи номинатсияҳои пешниҳодгардидаи Озмун якнафарӣ голибони Озмунро тибқи Протокол ва хулосаи ҳайати комиссияи озмунӣ ҷиҳати иштирок дар даври озмуни ҷумҳуриявӣ бо роҳхати раиси вилоят, минтақа ва шаҳри Душанбе ба муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон (**суроға:** шаҳри Душанбе, Китобхонаи миллии Тоҷикистон, кӯчаи Теҳрон, 5. E-mail: info@kmt.tj)» пешниҳод менамояд.

## V. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ДАВРИ ЧОРУМИ ОЗМУН

57. Даври чоруми озмун, яъне даври ҷумҳуриявӣ барои ғолибони даври вилоятӣ, минтақавӣ ва шаҳрӣ то 20 декабри соли 2019 дар муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», ки аз ҳар як вилоят, минтақа

ва шаҳри Душанбе вобаста ба номинатсияҳои пениҳодгардида як нафарӣ бо роҳхати раиси вилоят, минтақа ва шаҳри Душанбе ба комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ (Китобхонаи миллии Тоҷикистон) пешниҳод мешавад, ҷамъбаст мегардад.

58. Ҳайати комиссияи Озмун бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2019, №1165 тасдиқ гардидааст (замимаи 4), фаъолият менамояд.

59. Котиби комиссияи озмуни даври ҷумҳуриявӣ ҳуҷҷатҳои голибони озмуни даври сеюмро, ки ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтаанд, тибқи талаботи банди 54-и Тартиби мазкур ба танзим даровара, ба ҳайати комиссияи озмун барои баррасӣ пешниҳод менамояд.

60. Таҳия ва барои мувофиқа пешниҳод намудани ҷадвали баргузории Озмун ба зиммаи котиби комиссия вогузор карда мешавад.

61. Масъулияти таъмини довталабон дар рӯзҳои баргузории Озмун пурра ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, минтақа ва шаҳру ноҳияҳои дахлдор вогузор карда мешавад.

62. Котиби комиссияи Озмун муваззаф аст, ки на кам аз 10-рӯз пеш аз баргузории Озмун ба таври расмӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, минтақавӣ ва шаҳрӣ барои таъмини иштирокчиёни Озмун мутобиқи ҷадвали тасдиқгардида (макон ва замони баргузории озмун) хабардор намояд.

63. Даври ҷумҳуриявии Озмун мутобиқи ҷадвали тасдиқгардидаи баргузории рӯзҳои Озмун бо иштироки раиси комиссияи озмун ва аъзои комили он доир карда мешавад.

64. Комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ салоҳият дорад, ки раванди баргузории озмунро дар ҳама даврҳо назорат намояд, тавсия ва тавзеҳот диҳад, таҳия ва тасдиқ кунад, назару пешниҳодоти ҳайати комиссияҳои озмуниро баррасӣ намояд, ба номинатсияҳои пешниҳодшуда тағйироти иловагӣ ворид гардонад ва ба арзу шикояти довталабон ҷавоб диҳад.

65. Натиҷаи ҳунару истеъдод ва қобилияти азхудкунии шартҳои озмуни ҳар як иштирокчии Озмун дар Протокол ва варақаи баҳодиҳӣ дарҷ гардида, бо имзои аъзои ҳакамони Озмун тасдиқ карда мешавад.

66. Ҳайати комиссияи озмуни даври ҷумҳуриявӣ баъди натиҷагирии пурра аз фаъолияти одилонаи кори комиссияи Озмун холҳои бадастовардаи довталабонро ба таври воқеӣ таҳлил намуда, аз рӯи ҳар як номинатсия якнафариро, ки дар Озмун натиҷаи баландро соҳиб гардидааст, голиби Озмун интихоб ва барои мувофиқа ва тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

67. Ҳайати комиссияи Озмун голибони озмунро, ки ба унвони барандаи ҷоиза аз рӯи номинатсияҳои пешниҳодшуда ва “Шоҳҷоиза” сазовор гардиданд, бо мукофотҳои моддию маънавӣ сарфароз **мегардонад.**

68. Аз ҷониби комиссия ба тамоми иштирокчиёни Озмун бо дипломи иштирокчии озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ...» миёни хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва намояндагони касбу кори гуногун сарфароз гардонда мешаванд.

## VI. ҶОИЗАҲОИ ОЗМУН

Ҷоизаҳо аз рӯи номинатсияҳои зерин дода мешавад:

- номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони классикии тоҷик;
- номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони муосири тоҷик;
- номинатсияи аз ёд кардану хондани ашъори бачагона ва афсонаву ривоятҳои халқи тоҷик;
- номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адабиёти ҷаҳон.

69. Ҷоизаҳои зерин барои ғолибони озмун муқаррар шудааст:

1**. Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони классикии тоҷик:**

1.Ҷойи якум -30000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
2.Ҷойи дуюм-25000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
3.Ҷойи сеюм-20000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;

2. **Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адибони муосири тоҷик:**

4. Ҷойи якум -30000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
5. Ҷойи дуюм-20000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
6. Ҷойи сеюм-15000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;

**3. Номинатсияи аз ёд кардану хондани ашъори бачагона ва афсонаву ривоятҳои халқи тоҷик:**

7. Ҷойи якум -25000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
8. Ҷойи дуюм-17000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
9. Ҷойи сеюм -13000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;

**4. Номинатсияи аз ёд кардану хондани осори адабиёти ҷаҳон:**

10. Ҷойи якум -30000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
11. Ҷойи дуюм -20000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;
12. Ҷойи сеюм -15000 сомонӣ ба унвони барандаи ҷоиза;

5. **ШОҲҶОИЗА**

Шоҳҷоизаи озмун - 50000 сомонӣ

70. Мукофотҳои моддӣ бо пули миллии сомонӣ тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назар доштани пардохти андозҳо пешбинӣ шудаанд.

## VII. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

71. Хароҷоти баргузории даври якум, дуюм, сеюм ва сафарбаркунии ғолибон ба даври чоруми Озмун аз ҳисоби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо) амалӣ карда мешавад.

72. Ба ғолибони даври чорум тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

73. Хароҷоти баргузории чорабинии даври (чорум) ҷумҳуриявии Озмун, ба истиснои ҷойи хоби иштирокчиён, аз суратҳисоби махсуси муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

74. Дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо тартиби мукофот ва ҷоизаро раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

75. Баъд аз интишори расмӣ Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо шаҳру ноҳияҳо воҳидҳои сохториашонро бо бандҳои дахлдори Тартиби мазкур шинос ва иҷрои саривақтии онро таъмин намоянд.

Замимаи 1

Рӯйхати
адабиёти тавсияшуда барои иштирокчиёни Озмун

**а) Барои аз ёд хондани осори адибон:**

- ғазал - на кам аз 100-то (ғазалҳои Абӯабдулло Рӯдакӣ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Фаридаддини Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фахриддини Ироқӣ, Носири Хисрав, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин, Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор Сафиева, Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Низом Қосим, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Фарзона ва дигарон);
- рубоӣ ва дубайтӣ - на кам аз 120-то (рубоӣ ва дубайтиҳои Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абуалӣ Сино, Ҷалолиддини Балхӣ, Бобо Тоҳири Урён, Абусаиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Умари Хайём, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ, Садриддин Айнӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Ҳабибулло Файзулло, Ҳақназар Ғоиб, Ғоиб Сафарзода, Аскар Ҳаким, Низом Қосим, Камол Насрулло, Фарзона, Озар ва дигарон);
- қасида - на кам аз 100 мисраъ (қасидаҳои Абӯабдулло Рӯдакӣ, Кисоии Марвазӣ, Абулқосим Унсурӣ, Абулҳасан Фаррухии Сиистонӣ, Абунаҷм Манучеҳрии Домғонӣ, Масъуди Саъди Салмон, Носири Хисрав, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Туғрали Аҳрорӣ, Шамсиддин Шоҳин, Садриддини Айнӣ ва дигарон);
- порча аз достон - на кам аз 300 мисраъ (150 байт) (аз достонҳои Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саноии Ғазнавӣ, Низомии Ганчавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Камолиддини Биноӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Шамсиддин Шоҳин, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Ҳадиса Қурбонова ва дигарон);

- дигар навъҳои шеърӣ-200 мисраъ (100 байт) аз шоирони классикӣ, муосир ва хориҷӣ.

**б) Асарҳои иазмӣ ва насрии адибони классикӣ ва муосири тоҷик барои хондан:**

Адабиёти қадим: «Томирис ва Куруш», «Шерак», «Авасто», «Ёдгори Зарирон», «Дарахти Ассурик», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Калила ва Димна», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Андарзи доноён ва маздоясно», «Андарзи Хусрави Ковадон», «Андарзи Пурйуткешон», «Бундаҳишн», «Динкард».

Достонҳои «Калила ва Димна», «Симбоднома», қасидаҳои «Шикоят аз пирӣ», «Модари май»-и Абуабдулло Рӯдакӣ, «Таърихи Наршахӣ»-и Абубакри Наршахӣ, «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ, «Пирӯзнома» -и Абуалӣ Сино, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ғазал, қитъа, рубоиҳо ва достони «Маснавии маънавӣ» -и Ҷалолиддини Балхӣ, «Сафарнома»-и Носири Хисрав, «Қобуснома»- и Унсурмаолии Кайковус, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Сиёсатнома» – и Низомулмулк, «Вомиқу Узро»-и Фаррухии Сиистонӣ, девони ашъори Бобокӯҳӣ (Абдулло Алӣ), рубоиёту дубайтаҳои Бобо Тоҳири Урён, маснавии «Ҳадиқат-ул-ҳақоиқ»-и Саноии Ғазнавӣ, «Асрорнома», «Хусравнома», «Мухторнома», «Мантиқ-ут-тайр»-и Фаридаддини Аттор, маснавиҳои «Рӯшноинома», «Саодатнома», «Сафарнома»-и Носири Хисрав – достони «Вис ва Ромин» -и Фахриддин Асъади Гургонӣ, достони «Гаршоспнома»-и Асадии Тусӣ, «Хамса» - («Махзан-ул-асрор», «Хусраву Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар», «Искандарнома») –и Низомии Ганҷавӣ, «Доробнома»-и Абутоҳири Тарсусӣ, «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ, достонҳои «Хамса» –и Амир Хусрави Деҳлавӣ, “Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, ғазалиёти Ҳасани Деҳлавӣ, қасидаҳо, маснавиҳои «Сад панд», «Дилкушо», «Мушу гурба»-и Убайди Зоконӣ, ғазалҳо, қитъаҳо ва рубоиҳои Камоли Хуҷандӣ, девони ғазалиёт, достону маснавиҳои «Ҳафт авранг», «Баҳористон»- и Абдураҳмони Ҷомӣ, ғазалу рубоӣ, достонҳои «Сифот-ул-ошиқин», «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Бадриддини Ҳилолӣ, «Анвори Суҳайлӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ», «Рисолаи Ҳотамия» ва «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Латоиф–ут- тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ, «Дастур-ул-мулук»-и Самандархоҷаи Тирмизӣ, достони «Гулзори Ирам»-и Абдураҳмони Мушфиқӣ, қасида, бадеҳа, чистон, ёддоштҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ, ғазал, мухаммас, рубоӣ, «Шаҳрошӯб» ва «Баҳориёт»–и Сайидои Насафӣ, ғазалҳои Зебуннисо, «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисолаи таърихӣ» - и Аҳмади Дониш, «Тӯҳфаи дӯстон», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Бадоеъ-ус-саноеъ» ва ғазалҳои Шамсиддин Шоҳин, ғазалиёти Туғрали Аҳрорӣ, ғазалиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ.

Намунаҳои насри ривоятӣ: «Чаҳор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Тутинома», “Синдбодномa», «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Марзбонномa», «Абумуслимнома».

Ҳикоя, новелла, повест, драма, ёддошт, роман, достон, ғазалиёту рубоёт, қасида ва дигар ашъору осори Абдурауфи Фитрат, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдулвоҳиди Мунзим, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳаким Карим, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Урун Кӯҳзод, Убайд Раҷаб, Сорбон, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Кароматулло Мирзоев, Меҳмон Бахтӣ, Ҳақназар Ғоиб, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Ҳабибулло Файзулло, Бароталӣ Абдураҳмон, Баҳманёр, Сайф Раҳим, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб, Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Камол Насрулло, Низом Қосим, Муҳаммад Ғоиб, Фарзона ва дигарон.

**в) Намунаҳои ашъори бачагона ва афсона**

Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонова, Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Нӯъмон Розиқ, Убайд Раҷаб, Акобир Шарифӣ, Мавҷуда Ҳакимова, Алӣ Бобоҷон, Нозирҷон Боҳирӣ, Ҷӯра Ҳошимӣ, Латофат Кенҷа, Юсуфҷон Аҳмадзода, Азизи Азиз ва дигарон, инчунин афсонаҳои халқи тоҷик, чистону латифаҳо ва ғайраҳо.

**г) Намунаҳои осори адибони ҷаҳон**

Ҷек Лондон, Виктор Гюго, Ги де Мопассан, Марк Твен, Эрнест Хеменгуэй, Ромен Роллан, Виллям Шекспир, Ийҳан Гёте, Алигери Данте, Франсуа Рабле, Рюноскэ Акутагава, Александр Пушкин, Лев Толстой, Юрий Лермонтов, Антон Чехов, Владимир Маяковский, Максим Горкий, Абдулло Қодирӣ, Ғафур Ғулом, Мухтор Авезов, Олжас Сулаймонов, Чингиз Айтматов, Расул Ғамзатов, Теодор Драйзер, Олес Гончар, Янн Купала, Яккуб Колас, Самад Вурғун, Нодир Думбадзе, Оттар Чилладзе, Грант Матевосян, Муҳаммад Иқбол, Ҷуброн Халили Ҷуброн, Рашод Нури, Робендранат Тагор, Стефан Тсвейг, Муртазо Мушфиқ Козимӣ, Фурӯғи Фаррухзод, Нодири Нодирпур, Аҳмади Шомлу, Халилуллоҳи Халилӣ, Нусрати Раҳмонӣ, Бориқ Шафеӣ, Восифи Бохтарӣ, Саид Нафисӣ, Мо Ян (Гуан Мое).

**Мутолиа ва шарҳи асарҳои насрии адибони муосири тоҷик ва хориҷӣ:**

Ҳикояву новелла – 50-то, роман – 20-то, повест – 30-то, ёддоштҳо – 15-то, афсонаву қиссаҳои насрӣ -20-то, асарҳои насри ривоятӣ – 10-то, дигар асарҳои халқӣ – 10-то (ба ин микдор осори адибони ҷаҳонӣ низ ворид мешаванд).

Замимаи 2

## Ҷадвали
## меъёрии баҳогузорӣ ба лаёқат, малака ва маҳорати довталабони Озмун

| №<br>Т/Р | Номгӯи масъалаҳое, ки ба довталаб баҳогӯзорӣ карда мешавад | Холи имконпазир | Холи ҳайати комиссия |
|---|---|---|---|
| 1 | Барои аъзои фаъоли китобхона | 4 | |
| 2 | Ба тарзи нақл ва оҳанги қироати иштирокчӣ | 6 | |
| 3 | Ба мавзӯъҳои инсондӯстӣ. хайру саховат. некию накукорӣ. ишқи поки инсонӣ. эҳсонкорӣ. дӯстию бародарӣ. Ватану ватандӯстӣ, Тоҷикистон, сулҳу субот | 5 | |
| 4 | Аз худ кардан ва хондани осори адабиёти классикӣ, муосир, бачагона, шифоҳӣ ва хориҷӣ (тарҷума ва ё асл) озод аст | 6 | |
| 5 | Ба намунаҳои эҷодиёти халқ: афсона, қисса, рубоӣ, достон, чистон, тезгӯяк, латифа ва гайра. аз рӯи хондани назм ва насри бадеӣ | 5 | |
| 6 | Шарҳи мухтасари асар | 8 | |
| 7 | Маълумот оид ба қаҳрамонони асосии асар | 7 | |
| 8 | Баёни лаҳзаҳои ҷолиби асар | 7 | |
| 9 | Озодбаёнӣ ва санъати суханварӣ | 10 | |
| 10 | Ҳунари ровӣ ва наттоқӣ | 8 | |
| 11 | Қобилияти лугатдонӣ ва тавзеҳи он | 7 | |
| 12 | Дарки дурусти мазмун ва муҳтавои асар | 7 | |
| 13 | Таассуроти довталаб аз хондани осор | 10 | |
| 14 | Аз худ кардан ва хондани осори адибони ҷаҳон | 10 | |
| | Ҷамъи холҳо | 100 | |

Замимаи 3

Намунаи Протоколи
ҷамъбастии ҷаласаи комиссияи баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ зери унвонӣ «Фурӯғи субҳи доной...» миёни хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва намояндагони касбу кори гуногун

аз “___”_______ соли 2019 №___ шаҳри (ноҳия ) вилоят, минтақа

Рӯзномаи маҷлис:

1.Ҷамъбасти озмуни даври шахр (ноҳия), вилоятӣ, минтақавӣ)-и озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной...» миёни хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва намояндагони касбу кори гуногун.

Иштирок доранд:

Рӯйхати иштирокчиён ( ҳайати комиссияи озмун)

Комиссияи озмуни даври (шаҳр (ноҳия), вилоят, минатақавӣ) мутобиқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.02.2019, №АП-1165 ва Тартиби Озмун дар асоси иштироки довталабон ва хулосаи ниҳоии комиссия доир ба лаёқат, малака ва маҳорати довталабонро таҳлил намуда ва тибқи он хулосабарорӣ намуда, барои ба даст овардани натиҷаи беҳтарин нисбат ба иштирокчиёни Озмун ғолиби даври (шаҳрӣ (ноҳиявӣ) вилоятӣ, минтақавӣ) дониста, иштирокчиёни фаъол бо мукофотҳои хотиравӣ қарори дахлдор қабул намуд.

Дар Озмун ______ нафар довталабон, аз ҷумла ___ нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ___ нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ____ нафар донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ____ нафар намояндагони сину соли гуногуни аҳолии деҳот (шаҳрак) иштирок намуда, дар доираи талаботи Тартиби Озмун оид ба азхуд намудани осори манзум ва мутолиаи китобҳо ва ғ. малака ва истеъдоди худро нишон доданд.

Ба хотири шаффофияти Озмун барои довталабоне, ки аз натиҷаи холҳои гирифтаашон қаноатманд набуданд, комиссияи аппелятсионӣ дар ҳайати _____ нафар ташкил карда шуд.

Дар кори аппелятсия ___нафар довталабон иштирок намуда, қаноатманд гардиданд.

Дар асоси хулосаи ниҳоии комиссияи баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной...» ҷаласаи комиссияи мазкур қарор намуд:

Озмуни даври (ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, минтақавӣ) ҷамъбаст ва ғолибу довталабони пешқадам муайян ва барои роҳхат ғирифтан ба даври (вилоятӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ) ва гирифтани мукофоти макомоти дахлдор пешниҳод карда шаванд;

2.Ғолиби Озмун ______аз рӯи номинатсияи №1-и Тартиби баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…» бо гирифтани _______ хол голиб донистa шавад.

3. Ғолиби Озмун ______аз рӯи номинатсияи №2-и Тартиби баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…»донистa шавад.

4. Ғолиби Озмун ______аз рӯи номинатсияи №3-и Тартиби баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…»донистa шавад.

5. Ғолиби Шоҳҷоиза ______ аз рӯи ҳамаи номинатсияҳои пешниҳодшудаи Тартиби баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ…» донистa шавад.

5. Ғолибони озмуни (ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ) аз рӯи номинатсияҳо барои иштирок ба даври минбаъда (шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ)-и Озмун пешниҳод карда шаванд.

6. Довталабоне, ки қобилияти хуб ва намунавӣ дар доираи талаботи Озмун нишон додаанд (вилоятӣ, шаҳрӣ) барои гирифтани мукофоти макомоти дахлдор пешниҳод карда шаванд.

7.Назорати иҷрои қарорҳои Протокол ба зимаи котиб ва раиси комиссияи Озмун гузошта шавад.

Раиси комиссия _________________________________

Аъзои комиссия:

_________________

_________________

_________________

_________________

_________________ котиб

Замимаи 4

## Ҳайати
## комиссияи озмуни ҷумҳуриявии «Фуруғи субҳи доноӣ...» миёни хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва намояндагони касбу кори гуногун

1. Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, раиси комиссия.
2. Вазири маориф ва илм–муовини раиси комиссия.
3. Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия.
4. Директори муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон», муовини раиси комиссия.
5. Муовини сардори раёсати илм ва маърифати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби комиссия.

Аъзои комиссия:

6. Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш;
7. Раиси Кумитаи кор бо занон ва оила;
8. Муовини вазири фарҳанг;
9. Раиси Иттифоқи нависандагон;
10. Сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ»;
11. Сармуҳаррири нашриёти «Адиб»;
12. Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
13. Директори институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
14. Равшани Махсумзод – мудири шуъбаи насри Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон;
15. Муҳаммад Ғоиб – Шоири халқии Тоҷикистон ;
16. Абдулҳамид Самадӣ – Нависандаи халқии Тоҷикистон;
17. Ҷумъа Қудус – сармуҳаррири маҷаллаи «Помир»;
18. Русакова М.В. – мудири кафедраи адабиёти ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Россия;
19. Муртазо Зайниддинзода - мудири кафедраи адабиёти навини тоҷикӣ – форсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
20. Раънои Мубориз – муовини сармуҳаррири «Адабиёт ва санъат»;
21. Восиева Рухшона – мудири кафедраи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода.

Тасдиқ менамоям,
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо
ҷомеа, раиси комиссияи ҷумҳуриявии
озмуни "Фуруғи субҳи доноӣ..."

А. Раҳмонзода
"07" октябри соли 2019

Нақшаи
баргузории даври сеюми озмуни ҷумҳуриявии "Фуруғи субҳи доноӣ..." ва руйхати ҳайати ҳакамон дар маркази
Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

| № | Номгӯи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | Ҳайати ҳакамон | Замон ва макони баргузорӣ | Мутасаддиён |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Ваҳдат, Роғун, Рашт, Лахш, Тоҷикобод, Файзобод, Сангвор, Нуробод) | 1. Абдуллозода Аҳтам – раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, раиси ҳакамон;<br>2. Латофат Назирӣ – муовини вазири маориф ва илм;<br>3. Олимӣ Марҳабо – муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оила;<br>4. Низом Қосим – раиси Иттифоқи нависандагон;<br>5. Давлатзода Музаффар – муовини вазири фарҳанг;<br>6. Мирализода Абдусалом – директори МД "Китобхонаи миллӣ";<br>7. Муҳтарам Ҳотам – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, сармуҳаррири нашриёти "Адиб";<br>8. Ҷумъа Қуддус – сармуҳаррири маҷаллаи "Помир";<br>9. Меҳмон Бахтӣ – Шоири халқии Тоҷикистон; | 12-14 ноябри соли 2019, шаҳри Ваҳдат | Амирзода Раҳмоналӣ раиси шаҳри Ваҳдат<br><br>Сулаймонзода Музаффар раиси шаҳри Роғун<br><br>Муқимӣ Раҳимҷон раиси ноҳияи Рашт<br><br>Баротзода Файзулло раиси ноҳияи Лахш<br><br>Маҳмадшозода Ҳамидулло |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 10. Муҳриддин Сабурӣ – мудири шуъбаи нақди адабии Иттифоқи нависандагон;<br>11. Исрофилниё Шарифмурод – д.и.ф., профессор, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;<br>12. Ҳакимов Аскар – д.и.ф., сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи илмҳо;<br>13. Кӯчаров Аламхон – профессори факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. | | раиси ноҳияи Тоҷикобод<br><br>Давлатзода Маҳмадулло раиси ноҳияи Сангвор<br><br>Раҷабзода Миралӣ раиси ноҳияи Файзобод<br><br>Дӯстзода Ҳасан раиси ноҳияи Нуробод |
| 2. | Шаҳри Душанбе | 1. Орумбекзода Шамсиддин – вазири фарҳанг, раиси ҳакамон;<br>2. Мавсума Муинӣ – муовини раиси шаҳр, раиси ҳакамон;<br>3. Низом Қосим – раиси Иттифоқи нависандагон;<br>4. Абдулҳамид Самад – нависандаи халқии Тоҷикистон;<br>5. Давлатзода Сайфиддин – муовини вазири маориф ва илм;<br>6. Бобошоҳзода Муҳаммадшариф – муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радио;<br>7. Олимӣ Марҳабо – муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оила;<br>8. Русакова М.В. – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, мудири кафедраи адабиёти ҷаҳонии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон. | 15-17 ноябри соли 2019, шаҳри Душанбе | Зубайдзода Маҳмадсаид муовини якуми раиси шаҳри Душанбе |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 9. Равшани Раҳмонӣ – профессори кафедраи назария ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;<br>10. Низомов Муҳриддин – д.и.ф., дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;<br>11. Олимов Кароматулло – академики Академияи илмҳо;<br>12. Восиева Рухшона Қурбоновна – д.и.ф., аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;<br>13. Шарифзода Боймурод – декани факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. | | |
| 3. | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 1. Қосимзода Идигул – раиси Кумитаи кор бо занон ва оила, раиси ҳакамон;<br>2. Давлатзода Музаффар – муовини вазири фарҳанг;<br>3. Амирбекзода Назира – муовини раиси ВМКБ;<br>4. Равшан Махсумзод – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, мудири бахши насри Иттифоқи нависандагон;<br>5. Юнус Юсуфӣ – муовини раиси Иттифоқи нависандагон;<br>6. Бақозода Сайрам – муовини раиси Кумитаи телевизион ва радио;<br>7. Назарзода Ризо – муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш;<br>8. Рустам Ваҳҳобзода – сармуҳаррири маҷаллаи "Садои Шарқ"; | 18-20 ноябри соли 2019, шаҳри Хоруғ | Файзов Едгор раиси ВМКБ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 9. Раънои Мубориз – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, шоира;<br>10. Нурализода Ноилшо – сармуҳаррири рӯзномаи “Омӯзгор”;<br>11. Офаридаев Назрӣ – д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев;<br>12. Лаълҷубаи Мирзоҳасан – н.и.ф., дотсенти кафедраи адабиёт ва санъати Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев;<br>13. Қаландариён Ҳоким – д.и.ф., директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови АИ ҶТ. | | |
| 4. | Вилояти Суғд | 1. Раҳимӣ Фарҳод – муовини раиси комиссияи ҷумҳуриявии озмун, президенти Академияи илмҳо, раиси ҳакамон;<br>2. Азимӣ Зайнура – муовини раиси вилояти Суғд;<br>3. Бобоҷониён Раъно – муовини Раиси ҲХДТ;<br>4. Давлатзода Зевар – муовини вазири фарҳанг;<br>5. Бобошоҳзода Муҳаммадшоҳ – муовини якуми раиси Кумитаи телевизион ва радио;<br>6. Олимӣ Марҳабо – муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оила;<br>7. Ато Мирхоҷа – муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагон;<br>8. Аҳмадҷон Раҳматзод – раиси бахши вилоятии Иттифоқи нависандагон;<br>9. Файзуллоев Неъматҷон – д.и.ф., профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; | 21-23 ноябри соли 2019, шаҳри Хуҷанд | Раҷаббой Аҳмадзода раиси вилояти Суғд |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 10. Мирзоюнус Матлуба – д.и.ф., профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;<br>11. Нурзод Нуралӣ – д.и.ф., роҳбари гурӯҳи “Филология”-и Маркази илмии Хуҷанд;<br>12. Фарзона – Шоири халқии Тоҷикистон;<br>13. Камол Насрулло – Шоири халқии Тоҷикистон. | | |
| 5. | Вилояти Хатлон | 1. Саид Нуриддин – вазири маориф ва илм, раиси ҳакамон;<br>2. Хидирзода Махфират – муовини раиси вилояти Хатлон;<br>3. Аҳмадзода Дилноза – муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш;<br>4. Мирализода Абдусалом – директори МД “Китобхонаи миллӣ”;<br>5. Имомзода Муҳаммадюсуф – ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;<br>6. Салимӣ Носирҷон – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳо;<br>7. Одиназода Шоҳона – сармуҳаррири маҷаллаи “Бонувони Тоҷикистон”;<br>8. Муртазозода Зайниддин – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, мудири кафедраи адабиёти навини тоҷикӣ-форсии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;<br>9. Муҳаммад Ғоиб – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, Шоири халқии Тоҷикистон;<br>10. Тагоймуродов Рустам – д.и.ф., профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии | 24-26 ноябри соли 2019, шаҳри Бохтар | Ҳакимзода Қурбон раиси вилояти Хатлон |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Бохтар ба номи Носири Хусрав;<br>11. Сатторзода Абдунабӣ – д.и.ф., мудири шуъбаи адабиёти классикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии АИ ҶТ;<br>12. Озар Салим – раиси бахши Иттифоқи нависандагон дар вилояти Хатлон;<br>13. Зафари Мирзоиён – ёрдамчии ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. | | |
| 6. | Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (Ҳисор, Турсунзода, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Варзоб) | 1. Абдулхолиқзода Лутфия – сардори раёсати илму маърифати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ҳакамон;<br>2. Мирбобоев Раҳматулло – муовини якуми вазири маориф ва илм;<br>3. Мирализода Абдусалом – директори МД "Китобхонаи миллӣ";<br>4. Бақозода Сайрам – муовини раиси Кумитаи телевизион ва радио;<br>5. Набизода Набӣ – директори МД "Телевизиони Синамо";<br>6. Давлатзода Зулфия – муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оила;<br>7. Назарзода Ризо – муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш;<br>8. Бобоҷониён Раъно – муовини Раиси ҲХДТ;<br>9. Раънои Мубориз – аъзои комиссияи ҷумҳуриявии озмун, шоира;<br>10. Рустам Ваҳҳобзода – сармуҳаррири маҷаллаи "Садои Шарқ";<br>11. Муҳаммадалӣ Аҷамӣ – мудири бахши назми Иттифоқи нависандагон; | 27-29 ноябри соли 2019, шаҳри Ҳисор | Ҷумъазода Шарифҷон раиси шаҳри Ҳисор<br><br>Ализода Абдуқодир раиси шаҳри Турсунзода<br><br>Акрамзода Рустам раиси ноҳияи Рӯдакӣ<br><br>Аюбзода Нусратулло раиси ноҳияи Шаҳринав<br><br>Шерализода Муҳаммадулло раиси ноҳияи Варзоб |



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 12. Бахтиёр Муртазо – раиси шӯрои публитсистикаи Иттифоқи нависандагон;<br>13. Давлатбеков Лоло Мирзоевич – д.и.ф., профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. | | |

**Эзоҳ:**

1. Раисони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе якҷо бо раиси ҳакамон ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор намудани чорабинӣ ва иштироки фаъолонаи тамошобинон мусоидат менамоянд.

2. Муовинони Раиси Комиссияи ҷумҳуриявии озмун, аъзои комиссияи мазкур, ки раиси ҳакамонанд, якҷо бо аъзои худ дар ташкил, сабт ва омода кардани толорҳо вазифадор мебошанд.

3. Шахсони мутасаддӣ, аз ҷумла сардорон ва мудирони раёсату шуъбаҳои маориф ва илм, фарҳанг, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, маънавиёт ва ташкилии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои дар сатҳи баланди фарҳангӣ доир намудани даври сеюм масъули корҳои тадорукотӣ ва ташкилӣ мебошанд.

4. Сафархарҷии аъзои комиссияи ҷумҳуриявӣ ва дигар шахсоне, ки ба шаҳру ноҳияҳо тибқи ҷадвал сафарбар мешаванд, бо тартиби муқарраргардида аз ҷойи кори асосиашон пардохт карда мешавад.

Сардори раёсати илму
маърифати Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
котиби комиссияи ҷумҳуриявӣ Л. Абдулхолиқзода